# ҚАРОРИ

## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

21 сентябри соли 2024 ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 таҳқиқоти диссертатсионии Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқи - конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (мушовири илмӣ: Зоир Ҷурахон Маҷидзода – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқӣ ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ), пешниҳод шудааст, ҳамчунин тақризи муассисаи пешбар «Муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: Ализода Зариф - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ; Эльназаров Давлатшо Хоҷаевич - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон; Раҳмон Дилшод Сафарбек - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Диноршоҳ А.М., Гадоев Б.С., Алимов С.Ю. ва Соибов З.М. ва муқарризи ғайри расми - Искандаров З.Ҳ., -ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳ будан, навгонии илмӣ, аҳамиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дар мавзуи «Масъалаҳои мубрам ва дурнамои раванди қонунгузории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳлили ҳуқуқи - конститутсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои докторӣ, аз ҷумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти докторант пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Яқубова Сабоҳат Нарзуллоевна - ро бо дипломи доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Назаров А.Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Мирзоев Қ.Х.**